**Тақризи**

**роҳбари илмӣ ба диссертатсияи Аламурадова Робия Аланаровна дар мавзуи "Таҳлили лингвистии майдони луғавиву семантикии «тааҷҷуб/surprise» дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ", ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси– 6D021300 Забоншиносӣ (6D021302) – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) пешниҳод шудааст.**

Диссертатсияе, ки барои баррасӣ пешниҳод гардидааст ба мавзӯӣ мукосаи вожаҳои «тааҷҷуб/surprise» дар забонҳои гуногунсохтор бахшида шудааст.

**Мубрамии мавзӯъ:** Омӯзиши маводҳои гуногун нишод дод, ки мубрамӣ ва зарурати баргузории таҳқиқот пеш аз ҳама дар он зоҳир мешавад, ки дараҷаи нокифояи омӯзиши таҳлили калимаҳои ифодакунандаи тааҷҷуб ҳамчун намуди эҳсосот дар забони тоҷикӣ дар муқоиса бо забони англисӣ аз рӯйи муҳиммияти тасвири калимаҳои асосии фарҳангии муҳити забоншиносии муосир бо мақсади муайян кардани ифодаёбии калимаҳои мазкур дар фарҳангҳои тоҷикӣ ва англисӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Дар забони адабии ҳозираи тоҷик дар ин самт масъалаҳое ҳастанд, ки то кунун тамоман омӯхта нашудаанд ва ё кам таҳқиқ шудаанд.

Бо назардошти ин, ҳаллу фасл намудани мавзуи кор аҳамияти калон дошта, метавонад ба рушду соҳаи забоншиносӣ, аз ҷумла таҳқиқи калимаҳои ифодакунандаи «тааҷҷуб/surprise» дар забони тоҷикӣ дар муқоиса бо забони англисӣ такони ҷиддие бахшад. Маҳз ин омил муҳиммии мавзӯи интихобнамудаи моро инъикос мекунад.

Барои самаранок ба итмом расонидани таҳқиқот мо усулҳои гуногунро истифода бурдем. Яъне асосҳои назариявии таҳқиқ аз як қатор усулҳо ва муқаррароти калимаҳои ифодакунандаи «тааҷҷуб/surprise» дар забони тоҷикӣ ва дар муқоиса бо забони англисӣ, яке аз ҷанбаи забоншиносӣ мебошад, истифода шудааст.

Барои фаҳмо шудани мазмуни кор рисоланавис назди худ мақсад гузоштанд, ки ин, муайян намудани таҳлили калимаҳои ифодакунандаи «тааҷҷуб/surprise» дар забони тоҷикӣ дар муқоиса бо забони англисӣ мебошад.

**Вазифаи асосии** таҳқиқот аз он иборат аст, ки яке аз роҳҳои маъмултарини истифодаи калимаҳои ифодакунандаи «тааҷҷуб/surprise» дар ин ё он забон, хусусиятҳои таркибӣ ва маъно онҳоро мавриди пажуҳиш, коркард ва таҳлили васеъ қарор диҳад.

**Ҳадафи асосии** диссертатсияи мазкур ин роҳҳо ва воситаҳои амалигардонии калимаҳои ифодакунандаи «тааҷҷуб/surprise» дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ мавриди назар мебошад.

Барои расидан ба ҳадафҳо ва максадҳои гузошташуда муаллиф зарур шуморид, ки **масъалаҳои зеринро мавриди пажуҳиш ва таҳқиқот** қарор диҳад:

- омӯхтан ва ошкор намудани хусусиятҳои семантикии калимаҳои ифодакунандаи «тааҷҷуб/surprise» дар забони тоҷикӣ дар муқоиса бо забони англисӣ.
- муқоиса намудани уҳдадориҳои маъноӣ ва мафҳуми калимаҳо дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ бо мақсади ошкор ва пайдо намудани ҳаммонандӣ ва фарқияти онҳо аз якдигар.
- омӯхтани роҳу усулҳои калимасозии калимаҳои ифодакунандаи «тааҷҷуб/surprise» дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ;
- таҳлили илмӣ намудани хусусиятҳои маъноии калимаҳои ифодакунандаи «тааҷҷуб/surprise» дар ҳиссаҳои нутқ дар забони тоҷикӣ дар муқоиса бо забони англисӣ;

**Мавзуи кори** мазкур муайян намудани калимаҳои ифодакунандаи тааҷҷуб ҳамчун намуди эҳсосот дар забони тоҷикӣ дар муқоиса бо забони англисӣ, ҳамчун яке аз навъҳои гуногуни маъноӣ ва инчунин муайян кардани хусусиятҳои сохторӣ, сарфӣ ва маънои он дар забонҳои тоҷикию англисӣ ба шумор меравад.

Маълум гашт, ки барои таҳқиқи калимаҳои ифодакунандаи «тааҷҷуб/surprise» дар забони тоҷикӣ дар муқоиса бо англисӣ, маъноҳои ба ҳам наздик ҳамчун ифодаи забонӣ кор фармуда шудааст.

Масъалаҳои асосии таҳқиқот таҳлили лексикию -морфологии калимаҳои ифодакунандаи «тааҷҷуб/surprise» дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ мебошад.

Барои ҳалли масъала **усулҳои зерини таҳқиқ мавриди истифода** қарор гирифтаанд: таҳлили, шаклдигаркунӣ (трансформатсионӣ), тасвирӣ ва мушоҳида, омор, таҳлили тағйирдиҳӣ, усулҳои таҳлили луғатномаҳо ва таҳлили матн истифода гардидаанд.

**Эътимоднокии натиҷаҳои диссертатсионӣ** дар он инъикос ёфтааст, ки калимаҳои ифодакунандаи «тааҷҷуб/surprise» дар забони тоҷикӣ дар муқоиса бо забони англисӣ бо ёрии вожаҳо ва қолабҳои алоҳида, бо назардошти хусусиятҳои сохтори маъноии онҳо пурра ва возеҳу равшан ифода ёфтааст.

**Навгонии илмии таҳқиқот** пеш аз ҳама дар он аст, ки бори аввал калимаҳои ифодакунандаи «тааҷҷуб/surprise» дар забони тоҷикӣ дар

муқоиса бо забони англисӣ бо назардошти мақоми истифодабарии онҳо дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ мавриди таҳқиқоту пажуҳиш қарор дода шудаанд.

Дар таҳқиқот аввалин маротиба дар илми забоншиносии тоҷик усули маҷмаавии таҳқиқи калимаҳои забони тоҷикӣ ва англисии калимаҳои ифодакунандаи «тааҷҷуб/surprise» дар забони тоҷикӣ дар муқоиса бо англисӣ гузаронида шудааст.

Таҳқиқоти мазкур хусусиятҳои умумию фарққунандаи калимаҳои ифодакунандаи «тааҷҷуб/surprise» дар забони тоҷикӣ дар муқоиса бо англисиро ба таври васеъ инъикос намудааст.

Самараи пажуҳиш, инчунин, дар он инъикос ёфтааст, ки он инчунин хусусияти сохтории калимаҳои забони тоҷикӣ ва англисиро пурра тафсир намуда, роҳу усулҳои маъниофарӣ ва калимасозии ибораҳои алоҳидаро дар сатҳи истифодабарии содда ва умумӣ пешниҳод намудааст.

**Нововарии илмӣ** аз он иборат аст, ки муаллифи рисола маротибаи аввал ба ин мавзуъ даст зада муайян кард, ки таҳлили лингвистии майдони луғавиву семантикии калимаҳои ифодакунандаи «тааҷҷуб/surprise» дар забони тоҷикӣ дар муқоиса бо забони англисӣ баробари умумият доштанаш, тафовутҳои зиёде низ доштааст.

Бори аввал мушоҳида шуд, ки калимаҳои ифодакунандаи «тааҷҷуб/surprise», тобишҳои маъноӣ доштаанд.

**Аҳамияти назариявии таҳқиқот** аз он иборат аст, ки таҳқиқоти мазкур бо таҳия ва коркард метавонад роҳу усулҳои навро дар низоми махсуси луғавӣ-маъноӣ ва калимасозӣ инъикос намояд, чунки дар дохили он муносибатҳои зинавӣ бо назардошти истифодаи усулҳои забономӯзӣ аз мафҳуми вожа сар карда, то мавқеи он дар сохтори забон пурра таҳлил ва пажуҳиш ёфтааст.

**Аҳамияти амалии таҳқиқот** дар он зоҳир мегардад, ки натиҷаҳои таҳқиқи мавриди назар барои мураттаб сохтани роҳнамоҳои таълимӣ ва китобҳои дарсӣ доир ба фанни “Забоншиносӣ”, барои тартиб додани луғатномаҳо, ҳамчунин барои тарҷумаи назариявӣ ва амалӣ барои курсҳои лексионӣ оид ба забоншиносии забонҳои дарназардошта, барои типологияи забонҳои тоҷикӣ, англисӣ, русӣ ва дигар забонҳо, барои навиштани корҳои курсӣ ва дипломӣ мусоидат менамояд.

Инчунин натиҷаи кори таҳқиқшуда имкон фароҳам меорад, ки он ҳамчун мавод ба омӯзгорони забони англисӣ дар донишгоҳу донишкадаҳо хизмат расонад. Модели пурра таҳқиқшударо метавонад минбаъд ҳамчун маводи омӯзиш дар низоми калимаҳои ифодакунандаи

«тааҷҷуб/surprise» ҳамчун намуди эҳсосот дар забони тоҷикӣ дар муқоиса бо забони англисӣ қарор диҳад.

Диссертатсия аз муқаддима, се боб, хулоса ва феҳристи адабиёт иборат аст.

Дар мукаддима сухан дар бораи муҳиммияти мавзӯъ, дараҷаи азхудшудаи масъалаи илмӣ ва заминаҳои назариявию методологии таҳқиқот, мақсад ва ҳадафҳои таҳқикот, объекти таҳқиқот, мавзӯи таҳқиқот, масъалаҳои таҳқикот, усулҳои таҳқикот, соҳаи таҳқиқот, марҳилаҳои таҳқикот, пойгоҳи асосии иттилоотӣ ва озмоишии таҳқиқот, эътимоднокии натиҷаҳои диссертатсионӣ, навгониҳои илмии таҳқиқот, аҳамияти амалии таҳқиқот ва нуқтаҳои ҳимояшавандаи диссертатсия маълумот дода мешавад.

**Боби якум,** Асосҳои назариявии таҳқиқи муқоисавии калимаҳои ифодакунандаи «тааҷҷуб/surprise» дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ номида шуда, аз чор зербоб иборат мебошад, ки мавзӯҳои зеринро дар бар мегирад: баррасии рушди забоншиносии тоҷик, масъалаи ҷойгоҳи калима дар забоншиносии кишварҳои хориҷӣ, мафҳуми «тааҷҷуб/surprise», ҳамчун ҳиссиёт ва эҳсосот дар забоншиносӣ, нақши оҳанги калима ҳамчун унсури муҳимми тааҷҷуб дар забон.

**Боби дуюм** ба мавзӯи Таҳлили маъноиву сохтории калимаҳои ифодакунандаи «тааҷҷуб/surprise» ҳамчун намуди эҳсосот дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ бахшида шудааст ва он ҳам чор зербобро дар бар мегирад, ки инҳоянд: таҳлили лексикию- маъноии калимаи «тааҷҷуб/surprise» дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ, таснифоти семантикии синонимҳои ифодакунандаи «тааҷҷуб/surprise» ҳамчун намуди эҳсосот дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ, мавқеи калимаҳои ифодакунандаи «тааҷҷуб/surprise» ҳамчун намуди эҳсосот дар эҷоди фразеологизмҳо дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ, хусусиятҳои корбурди вожаҳои ифодагари «тааҷҷуб/surprise» ҳамчун намуди эҳсосот дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ.

**Боби сеюм** Таҳлили сохтории калимаҳои ифодакунандаи тааҷҷуб/surprise ҳамчун эҳсосот дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ ном дорад ва аз чор зербоб иборат буда, масъалаҳои зеринро дар бар мегирад, созмонёбии калимаҳои ифодакунандаи «тааҷҷуб/surprise» ҳамчун эҳсосот дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ бо ёрии аффиксатсия, истифода гардидани зарфҳо бо пасванди –ly дар забони англисӣ дар ифодаи дигар калимаҳои эҳсосӣ, ифодаи «тааҷҷуб/surprise» ҳамчун намуди эҳсосот бо нидо дар забони тоҷикӣ дар муқоиса бо забони англисӣ, ифодаи «тааҷҷуб/surprise» ҳамчун намуди эҳсосот бо

ҳиссачаҳо дар забони тоҷикӣ дар муқоиса бо забони англисӣ

**Хулоса,** таҳлилҳо бо истифода аз якчанд сарчашмаҳои илмӣ, бадеӣ ва фарҳангҳои забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ нишон дод, ки хусусиятҳои умумӣ ва хосси шарҳи он дар забонҳои муқоисашаванда муайян гардидааст.

Таҳлили воҳидҳои фразеологии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ нишон дод, ки мафҳуми «тааҷҷуб» дар тафаккури тоҷикзабонон ва англисзабонон ҳамчун ҳиссиёти инсон, ҳамчун маҳзани ҳиссиёту эҳсосоти гуногун, аз ҷумла, меҳру муҳаббат, тарсу ҳарос, ҳайронӣ ва инчунин фикру андеша, сирру асрор таҷассум ёфтааст.

Ҳамин тариқ, таҳлилу баррасии диссертатсияи Аламурадова Р.А. таҳти унвони "Таҳлили лингвистии майдони луғавиву семантикии «тааҷҷуб/surprise» дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ", ба мо имкон дод ба хулосае биоем, ки диссертатсия ба талаботи "Низоми шӯрои диссертатсионӣ" ва "Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ" ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021 таҳти №267 тасдиқ гардидаанд, пурра ҷавобгӯ буда, муаллифи он Аламурадова Робия Аланазаровна сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302) – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) пешниҳод карда шавад.

**Роҳбари илмӣ:** н.и.ф., дотсенти
кафедраи забонҳои хориҷии Насруддинов Сироҷидиин
Раёсати Академияи миллии илмҳои Моҳадшарифович
Тоҷикистон

Имзои Насруддинов С.М.-ро тасдиқ мекунам Акрамов Толиб
Мудири шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси АМИТ

Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистонн,
г. Душанбе, хиёбони Рудаки 33,
E-mail: nasruddinov.sirojiddin@gmail.com
Тел. моб: (+992) 918 10 14 48.

20.02.2024